# Машғулияти идоравӣ ҷиҳати омӯзиши «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва Аломатҳои китобати забони тоҷикӣ» дар Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

Submitted by Ҳайати тадорукот on 24 August, 2022 - 11:22

[1]

Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади иҷрои банди 59-и қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Барномаи рушди забони давлатӣ барои солҳои 2020-2030» ҷиҳати ташкил намудани семинар ва курсҳои омӯзиши забони тоҷикӣ ва «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва Аломатҳои китобати забони тоҷикӣ» барои кормандони мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, корхона, муассиса ва ташкилотҳои дигар, новобаста аз

шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва моликият дар Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 23-юми августи соли 2022, соати 14:00 бо иштироки васеи кормандон машғулияти идоравӣ баргузор намуд.

Машғулияти идоравиро тибқи тартиб муовини раиси Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Абдуллозода Умеда оғоз намуда, суханро ба сардори шуъбаи танзими истилоҳот Зулфониён Раҳим дод. Номбурда вобаста ба риояи «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва Аломатҳои китобати забони тоҷикӣ» суханронӣ намуда, тарзи дурусти истифодаи калимаҳоро ба аҳли кормандон бо овардани мисолҳо фаҳмонид. Сипас дар идомаи машғулияти идоравӣ сармутахассиси шуъбаи ташкилию ҳуқуқӣ Буриева Шаҳноза суханронӣ намуда, муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Барномаи рушди забони давлатӣ барои солҳои 2020-2030» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии марбут ба сиёсати давлатӣ оид ба забонро шарҳ дод.

Дар рафти машғулияти идоравӣ аз ҷониби кормандони Кумитаи кор бо занон ва оила саволҳо вобаста ба тарзи дурусти калимаҳо ҳангоми коргузорӣ, имлои овозҳои садоноку ҳамсадо, калимаҳои мушаддад, иқтибосӣ, аз сатр ба сатр гузаронидани калимаҳо ва ғайра пешниҳод гардид, ки кормандон ба ҳамаи саволҳо аз ҷониби мутахассисони Кумита бо овардани мисолҳо ҷавобҳои мушаххас гирифтанд.

**Content rating:** 5

Average: 5 (2 votes)

Rate

## Category:

- Гузоришҳо [2]
- Ахбори рӯз [3]
- Фаъолият [4]

- 

-

-

**Source URL:**https://kumitaizabon.tj/en/node/6866?mini=2026-07

**Links**
[1] https://kumitaizabon.tj/sites/default/files/field/image/IMG-20220823-WA0009.jpg [2] https://kumitaizabon.tj/en/taxonomy/term/28 [3] https://kumitaizabon.tj/en/taxonomy/term/10 [4] https://kumitaizabon.tj/en/taxonomy/term/24 [5] https://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/IMG-20220823-WA0004.jpg [6] https://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/IMG-20220823-WA0008.jpg [7] https://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/IMG-20220823-WA0009.jpg